# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи диссертатсионии Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ. Душанбе, 2022. – 171 с.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ воситаҳои алоқа бо суратҳои тез ба яке аз унсурҳои муҳими тамаддунӣ табдил ёфта, дар ин самт инқилоби бузург ба амал омад. Дар аввали ҳазорсолаи сеюм дар дунё воситаҳои нави гуногуни алоқа, аз он ҷумла кайҳонӣ ба вуҷуд омада дар ҳаёти ҳамарӯзаи инсон тағйирот ва пешравиҳои оламшумулро ба амал овард.

Дар аввали асри XX дар низоми алоқаи Тоҷикистон низ таҷҳизот ва технологияи муосири инноватсионии воситаҳои алоқа ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа истифодаи алоқаи муосири моҳворай барои рушди минбаъдаи он имкониятҳои навро ба миён овард.

Аз ин рӯ, мубрамии мавзӯи рисолаи таҳқиқотӣ усулан шакку шубҳаро ба миён намеоварад. Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи ба анҷомнаёфтаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар солҳои шӯравӣ дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон имконият медиҳад, ки осори илмиеро дар мавзӯи омилҳои рушд ва ташаккули воситаҳои алоқа дар солҳои шӯравӣ дар вилояти Хатлони таҳқиқ шавад.

Мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда бо он муайян карда мешавад, ки рушди системаи алоқа дар яке аз вилоятҳои калони ҷумҳурӣ дар давраи тадқиқшаванда, на танҳо баланд бардоштани иқтидори иқтисодии яке аз минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин намуда буд, балки фаъолияти пурсамари соҳаи мазкур аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дошт. Зеро, дар натиҷаи сохтмони объектҳои алоқа аҳолии ҷумҳурӣ ба таври фаъолона ба сохтмони ҳаёти нави сотсиалистӣ ҷалб карда шуданд.

Рисола «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» аз ду боб ва чор зербоб

иборат буда, қиёси манобеъ ва таърихнигории мавзуъ таъкид гардидааст.

Сохтори рисола тибқи талаботи усулӣ ва хронологӣ барои ҳалли вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда ҷавобгӯ аст. Муаллиф манобеи гуногунро, ки марбути мавзуи таҳқиқшаванда аст, истифода ва бори нахуст ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамӣ ва аҳаммияти илмии таҳқиқот, таҳлили қиёсии осори бунёдии истифодашуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, тавзеҳи муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда, объект ва предмети таҳқиқот, хронологияи мавзӯъ, аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ, маълумот дар бораи апробатсияи натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва сохтори рисоларо ташреҳ медиҳад.

Боби якуми рисола бо унвони «Ташаккул ва рушди корхонаҳои алоқаи почта ва радио дар вилояти Хатлон» номгузорӣ шудааст, ки аз ду зербоб иборат буда, боиси мулоҳиза аст. Қобили тазаккур аст, ки дар бораи ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта, инчунин таъсис ва фаъолияти шабакаҳои радио дар вилояти Хатлон аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мақола ва монография кам навишта шудааст.

Муаллиф дар анҷоми боби якум хулосабарориҳои мантиқӣ намудааст.

Боби дуввуми рисола «Инкишофи алоқаҳои телеграф ва телефон дар вилояти Хатлон» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Муаллифи рисола масъалаҳои инкишофу ташаккули минбаъдаи алоқаҳои телеграфӣ ва телефониро мавриди таҳқиқот қарор додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот муайян намуд, ки рушд ва ташаккули воситаҳои алоқаҳои телеграфу телефонӣ ба тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт ва сиёсату фарҳангии минтақаи омӯзиш таъсири калон расонид. Бинобар он дар шабакаи воситаҳои хабаррасонӣ алоқаи телефону телеграф ҷойи муҳимтаринро ишғол мекунанд. То инқилоб дар

Тоҷикистон хатти алоқа вуҷуд надошт. Маҳз ташаккули алоқаҳои телеграфӣ ва телефонӣ яке аз омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи таҳқиқшаванда гардид.

Муаллиф дар анҷоми боби дуюм хулосабарориҳои мантиқӣ намудааст.

Саҳми бевоситаи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар омӯзиши масъалаи илмии мазкур инҳоянд:

- муҳаққиқ кӯшидааст, ки тавассути қиёси осори муҳаққиқон ва гирдоварии маводҳои парвандаҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМД ҶТ) фарзияи илмии худро эҷод намояд;
- дар бобати минбаъд ривоҷ додани рушду нумуи воситаҳои алоқаи минтақа, ки марбути хосси мавзӯи рисола аст, натиҷа ва пешомадҳои онро муайян созад.

Мавод ва хулосабарориҳои таҳқиқотро метавон бо мақсади беҳтар кардани раванди таълимӣ, тарбиявӣ ва омода кардани монографияи тахассусӣ, хондани курси махсус дар факултетҳои таърих истифода кард.

Қурбонов М.М. аз иҷрои вазифаҳои дар назди худ гузошта баромадааст. Муаллиф сарчашмаҳои зиёд ва осори таҳқиқотии истифодашударо таҳлил ва ба низом даровварда, бо далел муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшударо тасвиб намудааст.

Натиҷаи таҳқиқоти рисола тавассути апробатсия дар конфронсҳои дохили Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" амалӣ шудааст. Муҳтавои рисола аз ҷониби муаллиф дар 1 монография ва 19 мақолаҳои илмӣ чоп гардида, аз онҳо 11 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаҳои илмии дигар дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд. Мундариҷаи онҳо бо андешаи муаллиф дар рисолаи ба ҳимоя пешниҳодшуда мутобиқат дорад.

Бо назардошти мубрамии мавзуи таҳқиқшуда, навоварӣ ва аҳаммияти назариявии натиҷаҳои бадастомада, рисолаи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих тибқи банди 53-и «Низомнома»-и шӯрои диссертасионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ кардааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**д. и.т, дотсент, мудири кафедраи**
**таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**"Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав"** **Алимов Давлаталӣ Халилович**

Имзои Алимов Д.Х.-ро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ –и МДТ
"ДДБ ба номи Носири Хусрав" Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

"24" июни соли 2022.